**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХ**

734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои 11; телефон: 202-85-94-94,
почтаи электронӣ: fa-ta@tnu.tj, www. historical.tnu.tj


*№ 71 аз «03» 02 соли 2025*

# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар пояи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии факултети таърих санаи 9-уми октябри соли 2025 конференсияи илмию амалии байналмилалиро дар мавзуи **«Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ва нақши он дар шинохти таърих, фарҳанг ва ҳуввияти миллӣ»** баргузор менамояд.

**Дар конференсия масоили зерин баррасӣ мешаванд:**

- «Шоҳнома» сарчашмаи омӯзиши таърихи тоҷикон ва ақвоми ориёӣ;
- Ҳисси миллию ватандӯстӣ дар «Шоҳнома»;
- «Шоҳнома» ва забони форсӣ-тоҷикӣ;
- «Шоҳнома» ва худшиносии миллӣ;
- Симои қаҳрамонҳои миллӣ дар «Шоҳнома»;
- Таърихи Пешдодиён дар «Шоҳнома»;
- Таърихи Каёниён дар «Шоҳнома»;
- Инъикоси таърихи Сосониён дар «Шоҳнома»;
- Забткориҳои арабҳо дар «Шоҳнома»;
- Ҷуғрофиёи таърихии «Шоҳнома»;
- Вожаҳои этникӣ дар «Шоҳнома»;
- «Шоҳнома»-номаи паҳлавонӣ ва худшиносӣ;
- Эрон ва Турон дар «Шоҳнома»;
- Оин, анъанаҳо ва ҷашнвораҳои миллӣ дар «Шоҳнома»;
- Лашкар ва санъати ҳарбӣ дар «Шоҳнома»;
- Тараннуми ҷавонмардӣ дар «Шоҳнома»;
- Номҳои миллии ориёӣ дар «Шоҳнома»;

**Талабот нисбати маърузаҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд**

Матнҳои ирсолшуда бояд таҳрир ва ба талаботҳои техникии зерин ҷавобгӯй бошанд:

- саҳифаи А 4, ҳошияҳо аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1,5 см, боло ва поён 2 см;
- ҳуруфи шакли Times New Roman, Times New Roman Tj бо андозаи 14;

- сатри якум - номи маърӯза **БО ҲАРФҲОИ КАЛОН** бо баробаркунии матн дар байни саҳифа;
- сатри дуюм - **насаби муаллиф, ҳарфи аввали ном ва номи падар,** бобаробаркунии матн дар байни саҳифа;
- сатри сеюм - **номи муассисаи ҷои кори асосӣ** (таҳсил) бобаробаркунии матн дар байни саҳифа;
- матни маъруза бояд дар таҳриргари матнии MS Word ҳуруфчинӣ шуда, фосилаи байни сатрӣ 1.5, баробаркунии матн бо паҳноии саҳифа, истифодаи ҳиҷобандии калимаҳо мумкин нест;
-ҳаҷми матн бо расм, ҷадвал, рӯйхати адабиёт, аннотатсия ва калидвожаҳо аз 6 то 8 саҳифа бошад;
- ишора ба адабиёти истифодашуда дар матн ҳатмӣ буда, ба таври [3, с.25] омода карда мешавад, ки дар он рақами аввал рақами тартибии сарчашма дар рӯйхати адабиёт ва рақами дуввум саҳифаи он мебошад;
- рӯйхати адабиёт дар охири матн баъд аз калимаи «**АДАБИЁТ**» овардашуда, бо тартиби алифбо омода карда мешавад;
- баъди рӯйхати адабиёт бояд номи маърӯза, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шаванд (бо андозаи 14);
- дар охир маълумот дар бораи муаллиф - **насаб, ном ва номи падар пурра**, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, вазифа, ҷойи таҳсил, почтаи электронӣ ва рақами телефон бо баробаркунии матн бо паҳноии саҳифа (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);

Дархост барои иштирок ва матни маъруза бояд то санаи **1-уми сентябр соли 2025** ба Кумитаи тадорукот супорида шавад.

**Забони конференсия:** тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

Кумитаи тадорукоти конференсия ҳуқуқи таҳрири техникиро дошта, метавонад маърӯзаҳоеро, ки ба мавзуъ мувофиқ нестанд ва ё бе риояи талаботи техникии пешниҳодгардида омода карда шудаанд, ба муаллифон баргардонад. Маърузаҳое ба чоп пешниҳод мешаванд, ки **дараҷаи аслияти матни онҳо на кам аз 70%** бошад.

Маводи конференсия нашр мешавад.

Хароҷоти рафту омад ва зист ба зимаи иштирокчиён аст.

**Суроғаи мо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Телефон:** +992 501 14 99 91; +992 502 14 99 91; **Почтаи электронӣ:** shoinbek85@mail.ru